# Тақриз

ба автореферати Бегназаров Давлатманд Бобошоевич дар мавзӯи **“Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Таҳқиқоти илмии Бегназаров Д.Б. ба омузиши агротехникаи чормағзи заминӣ дар шароити Тоҷикистони марказӣ бахшида шудааст.

Чормағзи заминӣ яке аз зироатҳои муҳими кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ки аз он равғани хушсифати истеҳмолӣ, ашъё барои саноати қаннодӣ ва анбуҳи сабзи дорои протеинҳои ҳалшавнда барои хӯрокаи чорво истеҳсол мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиши агротехника, дарёфти роҳои баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва сифати чормағзи заминӣ дар шароити Точикистон мавзӯъи мубрами давр буда, ҳалли он барои хочагии халқ ва таъмини сабади истеъмолии аҳолӣ аҳамити муҳим дорад.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки аввалин маротиба дар шароити заминҳои обёришавандаи Тоҷикистони Марказӣ вобастагии маҳсулнокии чормағзи заминӣ аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо омӯхта шуда, асоснок карда шудаанд.

Унвонҷӯй дар асоси таҳкиқотҳои илмиаш исбот намудааст, ки ҳосилнокии чормағзи заминӣ аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо вобастагӣ дорад ва барои шароити Тоҷикистони Марказї муҳлати мусоид барои кишт, аввали моҳи июн буда зичии ниҳолҳо 116 ҳазор ниҳол дар як га ҳосили аз ҳама баланд медиҳад.

Дар натиҷаи таҷрибаҳои саҳроӣ дар заминҳои обёршавандаи шаҳри Ҳисор муайан карда шудааст, ки риоя намудани муҳлати мусоиди кишт ва зичии муносиби ниҳолҳои чормағзи заминӣ, рӯёндани то 3,3 т/га ҳосили ғилофакҳо, 27 т/га анбуҳи сабз ва ба даст овардани 0,9 т/га равғани растании хушсифатро таъмин менамояд.

Муаллиф аз ӯҳдаи иҷрои мақсад ва вазифаҳои дар пешмондаи таҳқиқот бомуваффақият баромада, доир ба мавзӯи диссертатсия 6 мақолаи илмиро нашр намудааст, ки 4-и аз онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КАО – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Тартибдиҳии автореферати диссертатсияи Бегназаров Д.Б. дар мавзӯи "Маҳсулнокии чормағзи заминӣ дар кишти ангорӣ вобаста аз муҳлати кишт ва зичии ниҳолҳо дар шароити Тоҷикистони Марказӣ"дуруст буда, ба талаботи КАО – назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои доро шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01. – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳандагон: мудири шуъбаи
ҳимояи набототи Институти боғу, токпарварӣ ва
сабзавоткории АИКТ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Толиҳов Ҷамшед Асоевич

Ходими калони илмии шуъбаи
ҳимояи набототи Институти боғу, токпарварӣ ва
сабзавоткории АИКТ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Толибов Алиф Қаландаршоевич

Имзо ва дараҷаи номзадии Толиҳов Ҷ.А. ва
ТолибовА. Қ.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои Институти боғу
токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи
илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.
16.02.2021 Гадоев Б.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 21[a], Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

Сомонаи расмӣ: E – mail: bogparvar@mail.ru. Тел: 227-08-01